ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ВАЗОРАТИ
КОРҲОИ ДОХИЛӢ
РАЁСАТИ ТИББӢ

РЕСПУБЛИКА ТАДЖИКИСТАН
МИНИСТЕРСТВО
ВНУТРЕННИХ ДЕЛ
МЕДИЦИНСКОЕ УПРАВЛЕНИЕ

Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Панҷруд 5, тел: 237-30-79

№ 22/1-761
05.10.2018с

Ба директори ТҶҶ
"СФШҒ-Тоҷикистон»
Ибрагимов И.И.

Нусҳа: Намояндагии Раёсати
Созмони Милали Муттаҳид оид
ба маводи нашъаовар ва ҷиноятскорӣ
дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Мӯҳтарам Икрам Ибрагимович,

Раёсати тиббии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Ташкилоти ҷамъиятии ҷумҳуриявии СФШҒ-Тоҷикистон эҳтироми баланди худро изҳор намуда, ба иттилои Шумо мерасонад, ки дар доираи амалисозии чорабиниҳои муштараки лоиҳаи XAC/Z62 «Пешгирӣ, табобати бемории нашъамандӣ, мутобиқшавии иҷтимоӣ ва пешгирии бемории ВНМО» доир ба мусоидат дар васеъ намудани шароит барои мустаҳкам намудани ҳамкории сохторҳои ҳифзи ҳуқуқ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва муассисаҳои тиббиву иҷтимоии давлатӣ дар шаҳри Душанбе дар соҳаи пешгирии бемории ВНМО, табобат ва нигоҳубин - 185 нафар кормандони милитсия, чор шӯъбаи ноҳиявии РВКД дар шаҳри Душанбе бо дарсҳои омӯзишии кӯтоҳмуддат дар санаҳои 24-31 августи 2018 сол, фаро гирифта шудаанд.

Дар якҷояги бо гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ, 11 сентябри соли равон Лоиҳаи фармоиши ВКД ҶТ «Дар бораи ворид намудани тайғиротҳо ва иловаҳо ба Дастурамал оид ба тартиби амалигардонии пешгирии сирояти вируси норасоии масунияти одам (ВНМО) дар байни ҳайати шахсии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ кор мекунанд», ки бо иштироки Ташкилот коркард шуда барои баррасӣ ба РНТ-и ВКД ҶТ пешниҳод карда шуд. Айни замон Дастурамал барои мутобиқат ба талаботҳои санадҳои меъёрӣ ва ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи иҷроиш қарор дорад.

Бояд қайд намуд, ки шаклҳои Созишнома оиди ҳамкорӣ байни сохторҳои ВКД ҶТ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва системаи роҳхатӣ

намояндагони гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ ба хизматрасониҳои пешгирикунандаи бемории ВНМО, табобати ҷойивазкунандаи ёрирасон ва табобати нашъаманди коркард шуда дар Дастурамал-и мазкур ворид шудаанд.

Дар ҳолати мувофиқанамоии Дастурамал ва замимаҳои он, маводи мазкур барои нашр ба ТҶҶ «СФШҒ-Тоҷикистон» барои истифодабарӣ дар байни ҳайати шахсии ВКД ҶТ, пешниҳод карда мешавад.

Аз фурсат истифода бурда, Раёсати тиббии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Ташкилоти ҷаъмиятии ҷумҳуриявии «СФШҒ-Тоҷикистон» ва Намояндагии Раёсати Созмони Милали Муттаҳид оид ба маводи нашъаовар ва ҷинояткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон эҳтироми баланди худро баён менамояд.

Бо эҳтиром,

Сардори РТ ВКД ҶТ,
полковники хизмати дохилӣ Рустамзода Х. М.